**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» профессор Усмонзода А.И.**

________________________

**«__2__» __ноябри__ 2022**

# ХУЛОСАИ
## кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Furthermore Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Қобилов Аҳмад Абдуллоевич соли 2012 факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог – шарқшинос хатм намуд. Соли 2012-ум ба сифати муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба фаъолият оғоз намуда, солҳои 2017-19-ум омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии факултети сиёсатшиносии ДДҲБСТ ва солҳои 2019-21-ум омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик буд. Соли таҳсили 2021-22-юм ба кафедраи тахассусии забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи мазкур ба ҳайси омӯзгор интиқол гардид.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф мебошад.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Қобилов А.А. "Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" (исму сифат) чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Рисолаи Қобилов А.А. таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлил намудани масъалаи ба вуҷуд омадани исму сифатҳои

сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” мақому мавқеи пешванду пасвандҳои калимасозро дар гузаштаи дур муайян карда, сабабҳои минбаъд фаъолона дар калимасозӣ иштирок кардани гурӯҳе аз онҳо ё ғайрифаъол гардидани қисми дигар, ё ки куллан фаромӯш гардидани ҳиссаи сеюми онҳоро дар ташаккули калимаҳои сохта нишон додааст.

Асосҳои назарии таҳқиқро пажуҳишҳои олимони хориҷиву ватанӣ монанди Э. Бенвенист, М. Н. Боголюбов, В. П. Григорйев, Е. А. Земская, Е. С. Кубрякова, В. А. Лившитс, В. Н. Немченко, Л. С. Пейсиков, Р. П. Рогожникова, Н. И. Фелдман, Т. Д. Чхеидзе, Н. М. Шанский, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Шукуров, М. Қосимова, Д. Хоҷаев, С. Ҳалимов, А. Давронов, Ш. Кабиров, Ш. Кабиров, Т. Шокиров, О. Қосимов, А. Байзоев, С. Ғаниева, М. Олимҷонов, М. Баҳор, А. Ҳумоюнфаррух, П. Н. Хонларӣ ташкил медиҳад.

Таҳқиқи хусусиятҳои корбурди исму сифатҳои сохтаи “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” дар забоншиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Дар ҷараёни баррасӣ муайян карда шудааст, ки агарчи қолабҳои сохташавии исму сифатҳо дар таърихи забони адабии тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола доранд, вале тамоми сарватҳои луғавии тавассути чунин усули калимасозӣ вуҷуддошта аз рӯйи дар ҳар давру замон фаъолу нофаъол буданашон, доираи маънояшон, аз нигоҳи ба хонандаи ҳар даврон мафҳум буданашон ягона нестанд: гурӯҳе аз онҳо ҳамеша чун унсури фаъоли луғавӣ дар забони аҳли илму адаб ба кор рафтаанд, ҳиссае аз ҷиҳати доираи маъноии худ аз дигар унсурҳои луғавӣ фарқ доранд, қисми сеюмашон бо нодирии худ мақому мавқеи хоссаро дороянд. Бархе аз ин гуна калимаҳоро метавон фақат хоси услуби “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” ба шумор овард.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қобилов А.А. ба ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 6 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар нашр гардидаанд. Инчунин мазмуну мухтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияҳои илмии ҳарсолаи ҳайъати профессорону омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2015-2022-юм), конференсияҳои минтақавӣ (соли 2016-ум) ва ҳамоишҳои байналмилалӣ (ДМТ, 5-уми июни соли 2020-ум; ДМТ, 15-уми июни соли 2022-юм) дар шакли гузоришҳои илмӣ баён карда шудаанд.

Хулоса дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» кабул шудааст. Дар муҳокима олимони факултети филологияи тоҷик 3 доктори илми филология, профессорон Ваҳҳобов Толиб, Шокиров Туғрал, Ҳасанзода Абдуҷамол, номзадҳои илми филологӣ, дотсентон М. Олимҷонов, С. Ҳоҷиев, Н. Ҳикматуллоев, Ҳ. Зоиров, С. Ӯзбеков, Ш. Раҳматов, З. Қӯрғонов, Б. Маҳкамова, М. Хоҷаева, муаллимон Н. Ҳусанбоев, Н. Баракаева иштирок доштанд.

Иштирок доштанд: 12 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0
Қарори № 4 аз 29-уми октябри 2022-юм

**Мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» номзади илмҳои филологӣ, дотсент __________ Олимҷонов М. О.**

**Котиби ҷаласа, дотсент ____________________ Қӯрғонов З. Д.**
**«29» октябри 2022**
**«Имзоҳои дотсентон Олимҷонов М., Қӯрғонов З. Д.-ро тасдиқ мекунам».**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1. МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**Тел.: (+992) 927788887**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**